# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Азимова Сайёра Назриевна дар мавзуи “Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон.**

Диссертатсияи **Азимова Сайёра Назриевна** ба яке аз мавзуҳои то ҳол таҳқиқнашудаи забоншиносии тоҷик, яъне омӯзиши навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ дар намунаи асари машҳури даврони асри миёна «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшида шудааст.

Аҳаммият ва зарурати анҷом додани чунин таҳқиқотро ҳамин омил тақозо менамояд, ки дар вазъи имрӯза дар забоншиносии тоҷик корҳои илмии бахшида ба таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни маънои калимаҳо дар доираи низоми луғавии забон ҳанӯз ангуштшумор мебошанд. Барои илми маъношиносии ватанӣ таҳқиқи пурвусъати ҷойгоҳи низоми маънои луғавӣ дар маъношиносии луғавӣ, аниқ намудани монандӣ ва фарқияти намудҳои мухталифи маъно, аз қабили маънои луғавии денотативӣ ва сигнификативӣ, ошкор намудани механизмҳои ташаккул ва ривоҷ ёфтани таносуби маъноӣ дар байни ҷузъҳои маънои бутун ва дигар масъалаҳои илми маъношиносӣ хеле мубрам ва саривақтӣ аст.

Муҳиммияти таҳлилу омӯзиши мавзуи мазкур аз он сар мезанад, ки ҳамаи навъҳои маънои луғавӣ дар доираи парадигматикаи воҳидҳои луғавии забон ташаккул меёбанд. Аз ин хотир, таҳлил намудани мухтасоти марзи маъноӣ, муайян кардани вижагиҳои гипонимия ё шумули маъноӣ, дарки чунин навъҳои муносибатҳои маъноӣ ба монанди ҷузъвожагию воҳидвожагӣ, инчунин, тақобули маъноӣ дар асоси маводи асари «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз нигоҳи назарияи забон моҳияти анҷомдиҳии кори диссертатсионии мазкурро муайян кардааст.

**Асосҳои назарии таҳқиқоти** диссертатсиониро осори илмӣ ва назариявии муҳаққиқони забоншиноси **даврони классикии тоҷик**, ба монанди Абунасри Форобӣ, Абӯалӣ Сино, Насриддини Тӯсӣ, Шамс Қайси Розӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ; **муосири тоҷик** чун М. Қосимова, С. Ҳалимиён, Ш. Рустамов, Ҳ. Маҷидов, А.Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, М. Саломиён, Ж.Гулназарзода; **забоншиносони рус** Н.Ф. Алефиренко, Ю.Д. Апресян, О.С. Ахманова, В.В. Богданов, В.Т. Булигина, В.В. Виноградов, М.А. Кронгауз, В.И. Говердовский, Л.А. Новиков ва **Ғарб**, аз қабили Й. Трир, Ҷ. Лайонз, Ш.Балли, Ҷ. Лакофф, В. Крафт, Г. Миллер, Л. Вайсгербер ташкил медиҳанд, ки зимни асарҳои илмиашон нукоти назари худро баён кардаанд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасии хусусияти маъношиносии лингвистӣ, вижагиҳои луғавию маъноӣ, навъҳои маънои луғавӣ дар илми маъношиносӣ ва паҳлуҳои гуногуни онҳо мебошад. Моҳияти омӯзиши

намудҳои маъно имкон медиҳад, ки тарзи баёни муаллиф, забон ва услуби нигориши асар, тобишҳои маъноии таркиби луғавии «Анвори Суҳайлӣ» амиқу равшан омӯхта шаванд.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқикот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия, ки **"Хусусияти маъношиносии лингвистӣ"** ном дорад, оид ба маъношиносӣ дар забон маълумот медиҳад. Ин боб аз чор зербоб иборат буда, зербоби аввали он масъалаи омӯзиши назариявии маъношиносии лингистиро баррасӣ менамояд, зербоби дуюми он оид ба маъношиносии лингвистӣ ва мавқеи он дар бахшҳои забон маълумот медиҳад. Дар зербоби сеюми боби номбурда типологияи маъно дар маъношиносии лингвистӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст ва инчунин зербоби чорум масъалаи ҷойгоҳи низоми маъноӣ луғавӣ дар маъношиносии лингвистиро баррасӣ менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **"Ифодаи навъҳои маънои луғавӣ дар "Анвори Суҳайлӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ"** масъалаҳои маънои луғавии денотативӣ-сигнификативӣ ва маънои парадигматикӣ дар асоси маводи "Анвори Суҳайлӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар доираи ду зербоб таҳқиқ шудаанд, ки дар навбати худ зербоби аввал маънои луғавии денотативӣ-сигнификативӣ ҳамчун навъи маънои луғавӣ, ҷузъи денотативӣ, ҷузъи сигнификативӣ, таносуби денотативӣ-сигнификативӣ дар ифодаи ин навъи маънои луғавӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар зербоби дуюм бошад, маъноҳои прагматикӣ, конотативӣ, эҳсосӣ ва услубӣ дар асоси маводи асари мавриди таҳқиқ шарҳу тавзеҳ дода шудааанд.

Боби сеюми диссертатсия **"Парадигматикаи луғавӣ ва маъноӣ дар "Анвори Сухайлӣ"** ном дорад. Дар ин қисмати диссертатсия панҷ зербоб ҷой дода шудааст. Зербоби аввали ин боб "Маъно ва маънодории калима дар парадигматикаи луғавӣ" ном дошта, зербоби дуюм "Мавқеи марзи маъноӣ дар низоми парадигматикаи луғавӣ унвон гирифтааст. Дар зербобҳои сеюму чорум перомуни масъалаи гипонимия ва меронимия баҳс мекунанд. Зербоби панҷум "Тақобули маъноӣ дар "Анвори Сухайлӣ" ном дорад".

Натиҷаи бадастовардаи муаллиф дар 7 банди алоҳидаи хулосаи диссертатсия оварда шудаанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон комилан мувофиқ мебошад.

Муаллиф вобаста ба кори таҳқиқотӣ 7 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ба табъ расонидааст, ва 2 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад.

Дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳвари зикрёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ дар хулосаи мазкур таъйин шудааст. Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Азимова Сайёра Назриевна дар мавзуи “Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Азимова Сайёра Назриевна дар мавзуи “Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.19-Назарияи забон мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Низомова Санобар Фахриевна** – доктори илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

- **Табаров Хайрулло Назарович** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор — Қосимов Олимҷон Ҳабибович
аъзои Шурои диссераттсионӣ

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илми филология, дотсент, — Матробиён Саодатшо Қосимзода
аъзои Шурои дисссертатсионӣ

номзади илми филология, дотсент, — Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна
аъзои Шурои диссертатсионӣ

«20» январи соли 2024

Имзоҳои О.Ҳ. Қосимов, С.Қ. Матробиён
ва Г.З. Абдуллоева - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ: 734019,** ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
С. Улуғзода Тел.:+992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj